**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6И.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулоҳ Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ роҷеъ ба вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ ва сохтори онҳо баҳс мекунад. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ зарурати эҳёи дубораи ҳунарҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллии аҷдодӣ пеш омад. Хусусан ба ин масъала, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» такони ҷиддӣ дода, аз ҷумла дар самти илм як силсила корҳо анҷом пазируфтанд, ки кори Анварзода намунае аз онҳост.

Ҳарчанд дар бораи асарҳои устод Айнӣ, хусусан дар бахши забоншиносӣ таҳқиқоти зиёде анҷом пазируфтааст, вале то кунун доир ба вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ таҳқиқоти илмии алоҳида анҷом дода нашудааст.

Арзишу аҳаммияти рисолаи мавриди гуфтугӯ дар он аст, ки вожаю истилоҳоти марбут ба ҳунармандӣ дар осори устод С. Айнӣ мавқеи махсус дошта, дар байни дигар истилоҳоти соҳавӣ дар марҳалаи имрӯзи забони тоҷикӣ ҷойгоҳи вежа доранд. Махсусан, дар «Ёддоштҳо»-и адиб ин қабати луғавӣ барои муаррифии касбу ҳунар ва пешаҳои гуногуне, ки миллати тоҷик доштааст ва маҳз тавассути асарҳои бадеӣ моҳияти онҳо ба наслҳои баъдӣ интиқол меёбад. Аз ин дидгоҳ, омӯхтан ва таҳқиқи касбу ҳунарҳои мардумӣ, ки аз ҷумлаи сарватҳои миллии мардуми тоҷик ба шумор меравад, мубрам ва муҳим мебошад.

Устод Айнӣ дар баробари тасвири ҳаёти Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он ба масъалаҳои ҳунармандӣ, ки хоси шаҳрҳои бузург аст, диққати ҷиддӣ дода, касбу ҳунарҳои замони худро бо тамоми резакориҳояш огоҳона ба риштаи тасвир кашидааст. Бад-ин далел, диссертант, пеш аз ҳама, моҳияти масъаларо дарк карда, ба баррасии онҳо аз зовияи илми забоншиносӣ пардохта, хусусиятҳои забонии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар осори устод С. Айниро ба силки пажӯҳиш кашидааст, ки ҷолиб мебошад.

Муҳаққиқи ҷавон бештар ба пажӯҳиши масоили хусусиятҳои сохторӣ ва муайян кардани қолибҳои калимасозии соҳаи ҳунармандӣ, аз ҷумла таъйини қабатҳои маъноӣ ва лексикии пешаҳои дузандагию ресандагӣ, вожаю истилоҳоти ҳунармандии марбут ба пушоки занону мардон ва номи порчаю матоъ пардохта, дар натиҷа таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар диссертатсия маводи марбут ба ҳунармандии «Ёддоштҳо» мутобиқи мавзуъҳои муносиб табақабандӣ шуда, хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва калимасозии қабати мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро метавон дар навиштани корҳои марбут ба вожаҳо, калимаву истилоҳсозӣ, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳою воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар истифода кард. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия истифодашуда, барои дарсҳои амалӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, вожашиносӣ, луғатнигорӣ ва грамматика мусоидат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти

ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.00. – Забоншиносӣ (10.02.01. – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, ки аз ин шумора 7 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод мснамояд:

1. **Диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)** дар

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Низомова Санавбар Фахриевна** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

- **Табаров Хайрулло Назарович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муаллими кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон .

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ. Б.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П.

“ 29 ” 11 2024 с.